# ПРОТОКОЛИ №99

## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**16 майи соли 2026** **ш. Душанбе**

**Иштирок доштанд:** аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №15/шд (бо тағйиру иловаҳо аз 05 июли соли 2024, №225/шд) тасдиқ гардидааст, иштирок доранд 14 нафар, аз онҳо 5 нафарашон доктор ва 1 нафар номзад аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод карда мешавад, ки ҷаласаи шуро кушода эълон шавад. Марҳамат, ягон пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Қарор қабул карда шуд, ки ҷаласаи шурои диссертатсионӣ кушода эълон шавад.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи «Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

**Мушовири илмӣ:** Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

– **Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ профессор, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– **Салаев Нодирбек Сапарбаевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори шуъбаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва муқовимат ба коррупсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқии Тошканди Ҷумҳурии Узбекистон.

Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Кӣ ба рӯзномаи ҷаласа тарафдор аст, хоҳишмандем овоз диҳед. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Ҳама тарафдор мебошанд.

**Раис:** Сухан ба котиби илмии Шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Мирзозода Қобил Холмурод доир ба пешниҳод намудани маълумотномаи мухтасар дар бораи докторант дода мешавад.

**(Парвандаи докторант № ____)**

**Раис:** Ба котиби илмии Шурои диссертатсионӣ Мирзозода Қобил Холмурод ягон савол ҳаст, доир ба ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва маълумотномаи мухтасар дар бораи докторант? Савол нест.

**Сухан ба докторант оид ба ироа намудани муҳтавои асосии диссертатсия дода мешавад.**

Зокирзода Зафар Хайрулло – (баромад намуд).

**Раис:** Ба докторант кӣ савол дорад? Марҳамат, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Диноршоҳ А.М., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Қудратов Н.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзамонзода Х.М.

Ба саволҳо ҷавоб дод.

**Раис:** Ба докторант боз савол ҳаст? Савол нест.

Сухан ба мушовири илмии докторант – Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода мешавад (тақриз замима мегардад).

**Раис:** Сухан ба котиби илмии Шурои диссертатсионӣ Мирзозода Қобил Холмурод барои қироати хулосаи донишгоҳ (кафедра), тақризи муассисаи пешбар, тақризҳое, ки ба автореферати диссертатсия фиристода шудаанд, дода мешавад.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ қироат мекунад:

1. Хулосаи донишгоҳ (кафедра).
2. Тақризи муассисаи пешбар.
3. Тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшуда.

**Раис:** Барои ҷавоб додан ба эродҳои тақризи муассисаи пешбар ва тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридгашта, сухан ба докторант дода мешавад.

Зокирзода Зафар Хайрулло – (баромад кард).

– **Раис:** Сухан ба муқарризи расмии якум: Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон дода мешавад (тақриз замима мегардад). .

**Раис:** Сухан ба докторант барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмии аввал дода мешавад.

Зокирзода Зафар Хайрулло – (баромад кард).

– **Раис:** Сухан ба муқарризи расмии дуюм: Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ профессор, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода мешавад (тақриз замима мегардад).

**Раис:** Сухан ба докторант барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмии дуюм дода мешавад.

Зокирзода Зафар Хайрулло – (баромад кард).

– **Раис:** Муқарризи расмии сеюм: Салаев Нодирбек Сапарбаевич – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори шуъбаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва муқовимат ба коррупсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқии Тошканди Ҷумҳурии Узбекистон. Бо сабабҳои узрнок иштирок надорад аз ин лиҳоз сухан ба котиби илмии шуро барои қироат намудани тақриз дода мешавад (тақриз замима мегардад).

**Раис:** Сухан ба докторант барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмии сеюм дода мешавад.

Зокирзода Зафар Хайрулло – (баромад кард).

**Раис:** Ба мубоҳиса мегузарем. Сухан ба мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда дода мешавад. Марҳамат, профессорон Азиззода У.А., Қудратов Н.А., Назаров А.Қ.

Ба ҳайси муқарризи ғайрирасмӣ ки хоҳиши баромад намуданро дорад?

**Марҳамат:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Диноршоҳ А.М.

**Раис:** Кӣ боз хоҳиши баромад намудан дар муҳокимаи диссертатсияро дорад? Хоҳишманд нест.

**Ба** докторант **сухани хотимавӣ дода мешавад.**

Зокирзода Зафар Хайрулло – (баромад кард).

**Раис:** Ҳамин тариқ, муҳокимаи диссертатсия анҷом меёбад. Ба расмиёти овоздиҳии пинҳонӣ мегузарем. Барои гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ интихоби комиссияи ҳисоб зарур аст.

Ба ҳайати комиссияи ҳисоб аъзои зерини Шурои диссертатсионӣ интихоб шудаанд: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Мирзамонзода Х.М., Раҳмадҷонзода Р.Р., Соибов З.М.

Дигар пешниҳод нест? Нест. Кӣ чунин ҳайати комиссияро тарафдор аст, хоҳиш менамоям, овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест. Ҳама тарафдор аст.

Аз ҳайати комиссияи ҳисоб хоҳиш карда мешавад, ки фаъолияти хешро оғоз намоянд (овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад).

**Раис:** Барои қироати натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, сухан ба раиси комиссияи ҳисоб, д.и.ҳ., Соибов З.М., дода мешавад.

Қироати суратмаҷлиси комиссияи ҳисоб.

**Раис:** Барои тасдиқи суратмаҷлиси комиссияи ҳисоб кӣ тарафдор аст, хоҳиш карда мешавад, ки овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест. Ҳама тарафдор.

Ба қабули матни хулоса оид ба диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло, ки ба аъзои Шурои диссертатсионӣ қаблан тақсим карда шудааст, мегузарем. Аз ҷониби аъзои Шурои диссертатсионӣ ягон эрод, пешниҳод ё илова ҷой дорад? Нест.

**Раис:** Кӣ ба хулосаи Шурои диссертатсионӣ тарафдор аст, марҳамат овоз диҳад. Муқобил, бетараф – нест. Қарор бо як овоз қабул шуд.

(Хулосаи Шурои диссертатсионӣ замима мегардад).

**Раис:** Иҷозат диҳед қарори Шурои диссертатсиониро оид ба ҳимояи диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайруллоро қироат намоям.

## ҚАРОРИ

**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 16 майи соли 2026** **ш. Душанбе**

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 таҳқиқоти диссертатсионии Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи «Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (мушовири илмӣ: Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) пешниҳод шудааст, ҳамчунин, тақризи муассисаи пешбар, Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», тақриз ва баромади муқарризони расмӣ; Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон; Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ профессор, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Салаев Нодирбек Сапарбаевич – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори шуъбаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва муқовимат ба коррупсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқии Тошканди Ҷумҳурии Узбекистон, баромади аъзоёни Шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: доктрони

илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессорон, Азиззода У.А., Қудратов Н.А., Назаров А.Қ. ва баромади муқаррizи ғайрирасмӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Диноршоҳ А.М. шунида, мавриди муҳокима қарор дод.

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби шуро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳаммиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи «Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.
2. Интишороти докторант пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.
3. Ба Зокирзода Зафар Хайрулло дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намуда, Зокирзода Зафар Хайруллоро бо дипломи доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

Кӣ ба қарори мазкур тарафдор аст, хоҳишмандем овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзозода Қ.Х.**